**Тақриз**

**ба рисолаи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ**

Ба риштаи таҳлил кашидани хусусиятҳои калимасозии вандҳои калимасоз дар мисоли унсурҳои луғавии мансуб ба исму сифат дар заминаи маводи осори даврони асримиёнагӣ дар ошкор гардидани нақши ҳар як пешванду пасванд дар бунёди вожаҳои сохта, мавридҳои замимагардии онҳо ба калимаҳои мухталифмаъно ва мушаххас шудани забону услуби асар дар мисоли калимаҳои сохта мадади калон мерасонад.

Дар забоншиносии тоҷик бо вуҷуди анҷом дода шудани дастаи калони осори таҳқиқӣ дар масъалаи вижагиҳои калимасозии осори мухталифмавзуи гузаштаву имрӯза ин хусусият дар силсилаи калони сарчашмаҳои аз ниёгон меросмонда нигарони пажуҳиши илмиянд. «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» яке аз ҳамин гуна осоре маҳсуб мегардад, ки вижагиҳои калимасозии он кам мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ин ҷиҳат мавзуи рисолаи унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, он метавонад дар муайян шудани забону услуби ин асар дар мисоли вижагиҳои бунёд ва корбурди калимаҳои сохтаи мансуб ба исму сифат мусоидат намояд.

Муаллифи рисола дар се бобу ҳафт фаслу дувоздаҳ зерфасли рисола кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши пешванду пасвандҳои исмсозу сифатсозро дар ташаккули унсурҳои луғавӣ ошкор намояд. Аз таҳлил ва қиёсу муқобалаи ҳиссаи ҳар кадоми чунин вандҳо муҳаққиқ ба бардоште расидааст, ки аз қадимулайём бо вуҷуди аз ҷиҳати теъдод кам будани пешвандҳо онҳо дар калимасозӣ нақши фаъол дошта, бо калимаҳои мухталифмаъно имкони васеи васл гардиданро доштаанд.

Дар ҷараёни баррасии масъала таваҷҷуҳи бештари унвонҷӯ ба таҳлили пасвандҳои исму сифатсози «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» равона гардида нишон дода шудааст, ки онҳо аз пешвандҳо на танҳо аз нигоҳи миқдор, балки аз ҷиҳати имкони калимасозӣ низ имтиёз доранд. Дар рисола иқтидори калимасозии чаҳор навъи пасвандҳои исмсоз (созандаи макон, шахс, исмҳои маънӣ, номи чиз, ашё) ва ду хели пасвандҳои сифатсоз (аслӣ ва нисбӣ) таҳлил гардида, ҳиссаи ҳар кадомашон дар ғаномандии таркиби луғавии забони ниёгон муайян карда шудааст.

Дар раванди баррасии масъала унвонҷӯ таваҷҷуҳи хешро ба он равона кардааст, ки нақши бархе аз пасвандҳои калимасоз дар тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» баръакси имкони имрӯзаашон дар ташаккули унсурҳои луғавӣ фаъол буда, вожаҳое сохтаанд, ки гӯшнавозу рӯҳнавозанд.

Аз таҳлили муаллиф бармеояд, ки як вижагии намоёни тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар он зоҳир мешавад, ки дар он бо миқдоре аз вожаҳои сохтаи мансуб ба исму сифат метавон дучор омад, ки бо

нодирии худ фарқ мекунанд. Чунин калимаҳо на танҳо дар давраи имрӯзаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ ба чашм намерасанд, балки дар осори классикони мо кам андар кам ба мушоҳида мерасанд.

Қобилов А. А. барои таълифи чунин рисола аз «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» маводи дархури матлабро гирдоварӣ кардааст, дараҷаи корбурди онҳоро бо истифода аз усули омор ошкор намудааст, осори таҳқиқии пажуҳишгарони ватаниву хориҷии марбут ба мавзуъро мутолиа карда, аз онҳо баҳра бардоштааст, дар натиҷаи қиёсу муқобалаи андешаҳо доир ба нуктаҳои алоҳидаи калимасозии вандҳо баҳс доир намудааст.

Ба ин тариқ, унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич вазифаҳои дар пеш гузоштаашро ҳаллу фасл кардааст ва кори анҷомдодаи ӯ ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.

Ман ҳамчун раҳнамои илмӣ рисолаи мазкурро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

*«Имзои профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашрафро тасдиқ мекунам.»*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj

«24»-уми октябри соли 2022-юм